**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
Ректори Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров”,
доктори илмҳои таърих, профессор
_____________ Усмонзода А.И.
“___” _______ соли 2024

**ТАҚРИЗИ**

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Раҳилаи Нураҳмадзода дар мавзуи “Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод шудааст

**Мубрамияти таҳқиқот.** Таҳсилоти томактабӣ, ки барои сармояи инсонӣ заминаи асосӣ мегузорад, ба рушди ҳаматарафа ва мукаммали кӯдак мусоидат намуда, салоҳияту, малакаҳои таълимиро рушд дода, тарбияи ватандӯстӣ ва ҳисси хештаншиносиро ташаккул медиҳад.

Рисолаи илмии унвонҷӯй Раҳилаи Нураҳмадзода мавзӯи мубрам ва рузмарра ба ҳисоб рафта, дар он масъалали хеле муҳим, омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ таҳлил гардида, паҳлӯҳои асосии он бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ба таври амиқ таҳлилу таҳқиқ гардидааст.

Ҳадафи асосии муҳаққиқ омӯзиш, таҳлил ва коркарди барномаи нав бо усулҳои наву самарабахш дар ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ дар зинаи гузариш ба таҳсилоти ибтидоӣ мебошад. Дар таҳқиқот хусусиятҳои педагогию психологии инкишофи нутқи шифоҳию хаттӣ ва таъсири тарафайни онҳо, усулҳои методии инкишофи нутқи алоқанок, роҳҳои ташаккули мафҳумҳои грамматикӣ ва бархе аз паҳлӯҳои омӯзиши забони модарӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифта, хулосаҳои амиқу илмӣ бароварда шудаанд. Ин ҷо, вазифа аз фароҳам овардани шароит барои омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ дар кӯдакистон ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои педагогӣ иборат мебошад.

Тазаккур бояд дод, ки истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълиму тарбия дар низоми маориф барои навсозӣ ва беҳтар намудани самаранокии таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ нақши муҳиму аввалиндараҷаро иҷро мекунад. Вобаста ба фикрҳои фавқузикр, ба сифати мавзӯи диссертатсионӣ интихоб намудани мавзӯи "Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ" аз ҷониби унвонҷӯ Раҳилаи Нураҳмадзода бамаврид мебошад.

Муаллифи диссертатсия дар хусуси таълиму тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои томактабии Тоҷикистон таҳқиқотҳои имӣ, рисолаҳо ва воситаҳои таълимии Н.Насруллоева, В.А.Недоспасова, Б.Маҷидова, Л.Иматзода, М.Обидова, Н.Юнусова, Л.Тёоҷибоева, М.Юнусова, Н.Ғуломова, М.Нарзуллоева, С.Раҳмонов, З.Қурбонова, Г.Қурбонова, М.Акрамова, Д.Каримова ва дигаронро ҳамаҷониба дида баромадааст. Олимону муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки забони модарӣ воситаи муҳими муомила ва ифодаи фикр буда, вазифаи асоси таълими забони модарӣ инкишофи нутқ, такмил ва бой намудани захираи луғавии кӯдак, аз худ намудани қоида ва шаклҳои грамматикии калимаю ҷумлаҳо, инчунин фаҳмидани мазмуни ҳар як калимаю ҷумла мебошад. Диққати асосӣ ба инкишофи самтҳои афзалиятноки нутқи кӯдакон равона карда шуда, инкишофи нутқи кӯдакон дар асоси ба ҳисоб гирифтани пахлӯҳои гуногуни нутқ - бой намудани луғат, тарбияи маданияти овозии нутқ, ташаккули нутки грамматики ва нутқи мураттаб дида баромада шуда, омодагӣ ба саводомӯзӣ ҳамчун зинаи гузариш ба омӯзиши забони тоҷикӣ дар мактаби ибтидоӣ ба ҳисоб меравад.

Дар бахши методикаи таълими забони модарӣ низ масъалаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи нутқи кӯдакону хонандагонро, ки аз ҷониби олимон-методистон М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, Р.Қурбонов, Ф.Икромова, Р.Мирзоев, А.Байзоев, Б.Ғаниева, С.Тағоев, И.Абдуллоев, Р.Давлатова, Ш.Котибова таҳқиқ гардидааст, онро махзани фаъолияти маърифатии наслҳои гузашта, ганҷинаи ҳамаи донишҳо ҳисобида, чунин таъкид менамоянд "забон муҳимтарин воситаест, ки робитаи инсонро бо муҳит ва ҳақиқати воқеӣ таъмин менамояд". Забони модарӣ дар мактаби ибтидоӣ пеш аз ҳама фанни таълимист ва нақши забони модарӣ ва таълими он қабл аз ҳама, аз он иборат аст, ки дар ҷараёни омӯзиши он нутқи хонандагон мазмуннок, ифоданок, дуруст, фаҳмо ва бехато мегардад.

Зимни таҳқиқот вазифаҳои зерин иҷро шуданд:

1. Ташаккули қобилияти дарки масъалаҳои фонетикӣ, лексикӣ-грамматикӣ, тартиб додани ибораю ҷумлаҳо дар кӯдакони синни калони томактабӣ;
2. Ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди ташкили бозиҳои маърифатӣ, шаклҳои гуногуни фаъолгардонии кӯдакон, инчунин шиносоӣ бо муҳити атроф ва адабиёти бадеӣ;
3. Фароҳам овардани шароитҳои таълимию тарбиявӣ барои ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ;
4. Коркарди Барномаи "Ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ";
5. Омӯзиши мураббиёни кӯдакистон ва омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бо методикаҳои назорати натиҷаи фаъолияти педагогӣ (истифода аз супориш, ташхисгузаронӣ, пурсишнома, инчунин асбобҳои аёнӣ).

Муҳаққиқ Раҳилаи Нураҳмадзода мақсади таҳқиқот ва фарзияи онро дуруст муайян карда, барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ ҳаллу фасли масъалаҳои ташаккули нутқи кӯдаконро дар бораи муҳити атроф, шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ, ҳавасмандии робитавӣ, маърифатӣ, бозӣ ва дигар шаклҳои фаъолии кӯдакон дида баромада, бо ин роҳ тарбияи маънавии хурдсолон, унсурҳои худшиносии миллӣ, дӯст доштани забон, Ватани худ, шарафу ифтихори ватандориро низ дар таҳқиқоти худ роҳандозӣ намудааст.

Падидаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисола ба он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи тозаи пажӯҳиш:

1. Бори аввал дар зинаи таҳсилоти томактабӣ ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-педагогӣ дар ҷанбаи инкишофи нутқӣ мавриди пажӯҳиш ва коркард қарор ёфтааст;
2. Дар асоси технологияҳои иттилоотӣ-педагогӣ т нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ дар давраи гузариш ба зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ташаккул ёфтааст;
3. Барномаи махсуси ташаккули омодагии нутқии кӯдакон "Ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар зинаи гузариш ба таҳсилоти ибтидоӣ коркард ва мавриди озмоиш қарор ёфт;
4. Дар татбиқи ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-педагогӣ омодагии мураббияҳо ба раванди таълим такмил дода шудааст;

5. Силсилаи супоришу машқҳо дар ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-педагогӣ пешниҳод ва тариқи озмоиш санҷида шудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастома дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш, такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзӯъ ва ҳадафҳои пажӯҳиш созгор ва мувофиқ буда, таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ, тасдиқи пешбиниву андешаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи диссертатсия ба миён гузошта шудаанд, дар маводҳои озмоишӣ ва таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисола диссертатсия мавриди санҷиш қарор ёфтаанд.

Унвонҷӯ Раҳилаи Нураҳмадзода дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили проблемаҳои муҳимеро вобаста мавзӯи диссертатсия ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо ба қадри имкон комёб гаштааст. Саҳми шахсии муаллифи рисола дар иштироки бевоситааш дар тамоми давраҳои таҳқиқот, банақшагирӣ, интихобу асосноккунии мавзӯъ, таҳияи сохтори рисола, муайян сохтани ҳадаф, вазифа, объекту предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ аз рӯйи мавзӯи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва батартибдарории натиҷаҳои таҷриба, чун базаи таҷрибаи маълумот ва коркарди он, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти тачриба, омода ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои ҳосилшуда ва навиштани рисола ба назар мерасад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ** аз ҷиҳати илмӣ асоснок будани мавзуъ, дастрас будани он, аёният, шуурона аз худ намудани маводи таълимӣ, мустаҳкамии дониш, маҳорат ва малака, такрори пай дар пай, фаъолияти дарккунии кӯдакону хонандагон, мустақилиятнокӣ, алоқаи таълим бо ҳаёт, бо муҳити бачаҳо принсипҳои асосии рисолаи илмӣ мебошанд, ки риоя намудани онҳо дар ҷараёни машғулияти инкишофи нутқ ва таълими фанни забони модарӣ маҳсуб меёбад. Дар асоси назария ва муқаррароту хулосаҳои таҳияшуда «Барномаи ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ» таҳия ва амалӣ гардид. Барнома имкон медиҳад, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар машгулиятҳои беруназзинфӣ, инчунин гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ба раванди иҷтимоию фарҳангӣ ҷалб карда шаванд, самараи ташаккули ҷаҳонбинии миллии насли наврасро таъмин намоянд.

Қобили зикр аст, ки аз ҷониби унвонҷӯ Барномаи озмоишии “Ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо

истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ”таҳия карда шуд, ки моҳҳои сентябр-май мавриди истифода қарор ёфт. Барномаи мазкур аз 37 машғулият, бозиҳои дидактикӣ, машқҳои таълимӣ, саёҳат, сайру гашт, мушоҳида ва хониши адабиёти бадеӣ иборат аст. Дар баробари ин, дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ ва озмоиши мазкур тавассути ин барнома захираи луғавии кӯдакон аз калимаҳою ибораҳои нав бою ғанӣ ва ташаккулдиҳии талаффузи овоз дар таркиби калима, ҷойгиркунӣ, мутобиқшавӣ дар системаи овозии забон, яъне таълими таҳлили овозии калима ва дар ҷараёни он шиносоӣ бо ҳамаи ҳарфҳои алифбои забони тоҷикӣ ҳаллу фасли худро ёфтаанд, ки аз навгониҳои дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд

Гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишии муаллиф равшану возеҳ нишон доданд, ки дар амалия истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ воситаи босамари ташаккули фаъолияти маърифатӣ, нутқӣ ва ташкили фаъолияти таълимӣ-маърифатии томактабиён мебошад, зеро истифода аз онҳо машғулиятро шавқовар ва замонавӣ мегардонанд.

Боиси зикр ҳаст, ки муҳаққиқ диққати асосиро дар машғулиятҳои инкишофи нутқ ба истифодаи технологияҳои нав, аз ҷумла технологияи мултимедия медиҳад, зеро он имконият медиҳад, ки иттилоот на ба таври анъанавӣ, балки бо ёрии аксҳо, графикаи видеоӣ, аниматсия ва садо пешниҳод карда шавад. Чунин тарз диққати кӯдаконро ҷалб намуда, дар гурӯҳ муҳити воқеии муошират ба вуҷуд меорад. Кӯдакон кӯшиш мекунанд, ки ҳиссиёти худро бо суханони худ баён кунанд, супоришҳои пешниҳодшударо бо омодагӣ иҷро кунанд ва ба чизҳои нав таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир кунанд. Дар айни замон, истифодаи барномаҳои мултимедиявӣ дорои хусусияти рушдёбанда буда, мувофиқи мавзуъ аз онҳо метавон ба таври васеъ истифода намуд. Онҳо диққати бачагонро ба худ ҷалб мекунанд, фаъолияти маърифатиро таъмин намуда, самараи таълимро боло мебаранд. Ҳамаи ин бошад барои инкишофи нутқи кӯдак, инкишофи маърифатӣ, махсусан тафаккур, хотира, диққат, қобилиятҳои муошират, ташаккули шахсияти кӯдак дар муносибатҳои иҷтимоӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Хеле бамаврид аст, ки саҳми шахсии довталабро барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар соҳаи тадқиқот бо таҳлили ҳамаҷонибаи мушкилот, пайвастагии мувофиқи тадқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ муайян карда мешавад. Таҳлили миқдорӣ ва сифатии маълумоти бадастомада, истифодаи маҷмӯи усулҳои марбут ба ҳадаф ва вазифаҳои омӯзиш, татбиқи Барномаи озмоишии “Ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-

иртиботӣ” ҷиҳати ташаккули шавқ ва ҳавасмандии кӯдакон барои гирифтани дониш дар бораи олами атроф, аз қабили интихоби барномаҳои ҷолиби компютерӣ, бозиҳо, презентатсияҳо, филмҳо, ки ба инкишофи нутқ ва густариши тасаввуроти кӯдакон дар бораи олами атроф мусоидат мекунанд, ҳамкорӣ намудани мураббиёни муассисаҳои томактабӣ бо волидон дар ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакон, дараҷаи ақидаҳои онҳо дар бораи муҳимияти воситаҳои иттилоотӣ-иртиботиро дар раванди таълим собит намуд.

Натиҷаҳои ҳосилшуда метавонад чун базаи иттилоотӣ барои таҳияи монография ва дастурҳои таълимӣ - методӣ аз рӯйи мавзӯи марбут ҷиҳати инкишофи нутқи кӯдакон дар муассисаҳои таълимии томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ истифода шаванд.

Дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда дар сатҳи хуб таҳия гардида, муҳтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Диссертатсияи унвонҷӯй аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат асг. Муҳтавои дисссртатсия дар 189 саҳифаи чопи компютерӣ инъикос гардидааст. Дар матн 7 ҷадвал, 10 диаграмма ва 15 расм мавҷуд буда, рӯйхати адабиёт 206 номгӯйро фаро мегирад.

**Боби якуми диссертатсия “Ҷабҳаҳои назариявию амалии омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ” номгузорӣ гардидааст.** Муҳаққиқ қайд менамояд, ки инкишофи нутқи шифоҳӣ дар кӯдакӣ яке аз равандҳои асосии инкишофи инсон ба ҳисоб меравад, зеро забон бузургтарин ва беҳтарин воситаи муошират, ифодаи фикр ва аз худ намудани донишу таҷрибаи ҳаёт маҳсуб меёбад. Нутқ ҳамчун воситаи фаҳмида гирифтани ҳамин воқеият ва ҳақиқати олами атроф аз кӯдак инкишофи муайяни ақлиро талаб мекунад. Зеро истифодаи калимаҳои ҷудогона на танҳо асоси дониши мушаххас дар бораи ашё, ҳодиса ва воқеаҳои ҷудогона, балки воситаи дарк карда тавонистан ва фаҳмидани алоқаи мавҷудаи байни ашёи ҳамин муҳит дониста мешавад.

Бамаврид қайд гардидааст, ки Азхудкунии боигарии забони модарӣ яке аз унсурҳои асосии ташаккули шахсияти кӯдакон ба ҳисоб рафта,

барои баланд бардоштани маънавиёт ва худшиносии миллии онҳо кӯмак мерасонад. Бояд қайд кард, ки ҳар қадар мавриди шинос шудан бо муҳити атроф калимаю ибораҳои забонро аз бар кунад, ба маънии онҳо сарфаҳм равад ва дар нутқи гуфтугӯӣ истифода намояд, ҳамон қадар имконияти ифодаи ҳиссиёт, шаклгирии нутқ ва сайқалёбии он бештар мегардад.

Заминаи асосии инкишофи нутқ дар оила ва кӯдакистон аз ташкили дурусти шароит барои дар кӯдакон пайдо кардани ҳавас ба мушоҳидаи ашёҳои муҳити зист, шинохтани онҳо ва дар бораи ин чизҳо гуфтугӯ кардан иборат аст, то ки забони кӯдакон дар вақташ аз луғат ғанӣ гардад. Бинобар ин, инкишофи нутқ яке аз вазифаҳои асоси кори тарбиявии мураббиён ва падару модарон мебошад.

Барои давраи калони томактабӣ ва омодагӣ ба мактаб 5-7 сола, бошад сайқал додани ҳисси ватандӯстӣ, ҳурмату эҳтиром нисбат ба оила, зодгоҳ, маҳали зист, ёдгориҳои таърихӣ, фарҳанг, донистан ва риоя намудани расму анъанаҳои оилавӣ ва миллӣ, иду дилхушиҳо, эҳтироми калонон, ғамхорӣ дар ҳаққи хурдсолон, риояи одоби муошират ва ғайра мувофиқат мекунад. Мақсади охирини таҳқиқоти мазкур дар кӯдакон ташаккул додани дарки унсурҳои оддитарини ҳақиқати нутқӣ мебошад, ки ин нукта дар ҷараёни шинос намудани кӯдакон бо муҳити атроф мавриди аз худ намудани боигариҳои луғавии забони тоҷикӣ, истифодаи дурусти сохти грамматикӣ ва таркибҳои синтаксисӣ, буррогӣ ва пуробурангии гуфтугӯи мустақилонаи кӯдакон зоҳир гардидааст.

Дар боби дуюм **“Корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ оид ба ташаккули омодагии нутқии кӯдакони 5-7 сола ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ”** ташкил гардидаанд.
Дар асоси вазифаю меъёрҳои дар боло номбаршуда озмоиши муқарраркунанда ва вазифаи он, ки аз муайян намудани дараҷаи инкишофи нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити кӯдакистон иборат буд, гузаронида шудааст. Ҷиҳати самаранок ва бомуваффақият гузаронидани методикаҳои барнома шароитҳои мусоид фароҳам оварда шудааст. Дар ин давра аз бозиҳои гуногуни дидактикӣ, суҳбат, нақл, шеъразёдкунӣ васеъ истифода бурда шуда, мазмуни корро асосан дар давраи тайёрӣ ба мактаб нутқи шифоҳии кӯдакон мебошад.

Боиси қайд аст, ки муҳаққиқ ар ҳамкорӣ бо Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ барномаи озмоишӣ таҳия ва мувофиқа намудааст, ки тибқи он бо кӯдакони гурӯҳи озмоишӣ мавриди шиносоӣ бо олами атроф ва адабиёти бадеӣ машғулиятҳои таълимӣ оид ба мақсади таҳқиқот гузаронида шуданд. Мундариҷа, роҳҳо, усулҳо ва

шаклҳои ташкили ҳаёти кӯдакон мувофиқи ҳадафҳои қисмати инкишофи нутқ, ки барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ "Рангинкамон" муайян гардидааст, интихоб шуданд.

Тадқиқоти озмоишӣ-таҷрибавии барномаи "Ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ" имкон дод, ки раванди педагогӣ мукаммал шуда, ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакон мувофиқ ба талаботи забони адабии ҳозираи тоҷик мувофиқ шуда, самаранокии ташаккули тасаввуроти онҳо дар бораи олами гирду атроф ба таври назаррас афзоиш ёбад.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлили мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, фарзия, предмет, вазифа ва мантиқи таҳққот мувофиқанд, мувофиқ карда шуданд. Илова бар ин, натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ва маҷмуаи маводи конференсияҳо дар шакли мақола ва фишурдаҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

Арзёбии муҳими диссертатсия на танҳо дар мураттабии баёни фикр ва забони фасеҳи он, баёни мантиқии фикр ва ақидаҳои асоснокро мансуб донистан, инчунин дар пешниҳодҳое, ки метавонанд ба сифати дастовардҳои нави илмӣ дар соҳаи илми педагогика дониста шаванд, ифода меёбад. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ - озмоишии баргузорнамудаи Раҳилаи Нураҳмадзода, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқ талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин карда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои илмии назариявию амалии муҳаққиқ, дар диссертатсия норасоиҳои зерин дида мешаванд, ки зикри он ислоҳи минбаъдаи онҳо, боиси боз ҳам баланд бардоштани мазмун ва сатҳу сифати рисолаи илмӣ хохад буд:

1. Дар рисола таҳлили Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ иртиботӣ мушоҳида нагардид. Дар ин бобат унвонҷӯй фикру ақидаи худро дар хусуси ташаккули нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ дар зинаи гузариш

ба таҳсилоти ибтидоӣ иброз медошт, ба мақсади гузоштааш бештар ноил мегардид. Ин арзиши амалии таҳқиқотро боз ҳам афзунтар менамуд.

2. Дар боби дуюми рисола дар мавриди санҷиши озмоишӣ мебоист кор бо оиларо низ дар таъмин намудани муҳити нутқӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ" ворид ва натиҷагирӣ менамуданд.

3. Дар матни ҳам рисола ва ҳам фишурдаи диссертатсия муҳаққиқ тавсияҳои методиро васеътар барои равоншиносону педагогҳо, истифода дар системаи такмили ихтисоси мураббияҳо барои омӯзиши минбаъдаи масъалаи мазкур пешниҳод мекард, мӯҳтавои рисола боз ҳам мубрамтар мегардид.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва дар баъзе ҳолатҳо риоя нашудани муқаррароти Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат ҳоҳад кард.

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертатсияро коста намегардонад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводи заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст.

## ХУЛОСАИ ҶАМЪБАСТӢ

1. Диссертатсияи Раҳилаи Нураҳмадзодадар мавзуи "Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ" кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3. Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҳилаи Нураҳмадзода сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Шарифиён Муқаддас Холиқзода мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров", ки

дар он довталаби дараҷаи илмӣ 13 нафар иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” нафар устодону омӯгорони донишгоҳ иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 13 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест (қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” аз 13.01.2024, № 6).

Раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ, мудири кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Азимова Машҳурахон Ҳоҷиевна

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, дотсенти кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабӣ Шарифиён Муқаддас Холиқзода

Котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ - назариявӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Рӯзиева Мавлюда Давроновна

15.01. 2024

**Маълумот барои тамос:** 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон: ш. Хуҷанд гузаргоҳи Мавлонбеков, 1; Тел: (+992) 34 226-52-73;
E-mail: rector@hgu.ru, www.hgu.tj

Имзои М.Азимова, М.Шарифиён, М.Рӯзиеваро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ____________ Наврӯзов Э.М.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС